*ҲУҚУҚШИНОСӢ*
*ЮРИСПРУДЕНЦИЯ*
*JURISPRUDENCE*

*УДК 34С6(2Т)*
*ББК 67.400.32(2Т)*

*А.Э. РАҲМАТУЛОЕВ*

# РАВАНДИ АМАЛИШАВИИ ПРИНСИПҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ АДОЛАТИ СУДӢ ДАР ПЕШБУРДИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

Дар арафаи ҷашни 20-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба саҳифаҳои тақдирсози Ватани азизамон бори дигар назар карда, ба нақши сиёсиву ҳуқуқии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сарнавишти кишвари маҳбубамон - Тоҷикистон, аз нигоҳи ҳуқуқӣ баҳои арзандаю муносиб додан зарур аст. Он саҳифаҳои таърихӣ [5, с. 468-469], ки ба рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии устувор гузошта, барои наслҳои имрӯзаву оянда шароити зисту зиндагии ором, озод, осоишта ва арзандаро фароҳам овардааст.

Дар замони муосир, дар миқёси ҷаҳон зуҳуроти иҷтимоиву сиёсӣ, бинобар ҷаҳонишавӣ ва зиддияти манфиатҳо, хеле вусъат ёфта истодааст, ки моро водор месозад бахри таҳкими дастовардҳои миллии хеш чораҳои зарурӣ андешем. Қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [4] яке аз дастовардҳои муҳими даврони соҳибистиқлолияти кишварамон ба шумор меравад, ки ба рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла ба таъмини воқеии адолати иҷтимоӣ асос гузошт.

Таҳлили паҳлӯҳои гуногуни рӯйдодҳои гузашта дар кишвар, зарурати қабул гардидани қонуни асосии кишвар, ба ҳампайвастагии воқеаҳои иҷтимоиву сиёсӣ, интихоби роҳи рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа дар замони муосир аз он шаҳодат медиҳанд, ки асосҳои конститутсионӣ, аз ҷумла принсипҳои баамалбарории адолати судӣ пайваста амалӣ гашта истодаанд.

Принсипҳои конститутсионии таъмини адолати судӣ аз рӯи тартибу қоидаҳои мурофиавии судии конститутсионӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ дар амал татбиқ мешаванд. Ҳарчанд ҳадафу мақсади амалишавии принсипҳои конститутсионии таъмини адолати судӣ ягона бошанд ҳам, лекин

қоидаҳои мурофиавии татбиқ шудани онҳо дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои гражданӣ, ҷиноятӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ хусусиятҳои худро доранд. Аз ин рӯ, дар ин мақола тартибу қоидаҳои амалишавии принсипҳои адолати судиро дар мурофиаи ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Принсипҳои конститутсионии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мазмуни мустақил ва аҳамияти хосаи мурофиавӣ доранд, онҳо бо ҳамдигар алоқамандии зич дошта, танҳо дар ягонагӣ моҳияти мурофиаи ҷиноятиро ифода ва инъикос карда метавонанд. Принсипҳои конститутсионии адолати судӣ кафолати таъмини амалӣ гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ мебошанд.

Принсипи қонуният яке аз асосҳои конститутсионии баамалбарории адолати судӣ ба шумор меравад, ки дар ҳама марҳилаҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар ягонагӣ бо дигар принсипҳои адолати судӣ бевосита амал мекунад ва амалӣ гаштани онро меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ таъмин мекунанд.

Қонуният - ифодакунанда, нишондиҳандаи сатҳи риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи нишондодҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, риояи қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз тарафи тамоми мақомоти давлатӣ, ташкилот, муассиса, корхонаҳо, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳо мебошад [11]. Риоя, иҷроиш ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ - унсурҳои дохилии амалигардии меъёрҳои ҳуқуқӣ, нишондод ва талаботи ҳуқуқӣ ба шумор меравaнд, ки дар ягонагӣ меҳвари принсипи қонуниятро дар мурофиаи ҷиноятӣ ташкил медиҳанд.

Қонуният – принсипи умумиҳуқуқӣ буда, аз мазмуни меъёри Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Моддаи 10 Конститутсияи ҶТ волоияти Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқиро дар қаламрави ҷумҳурӣ тасдиқ намуда, эътибори умумиҳуқуқӣ, умумиҳатмӣ ва қатъӣ доштани онҳоро муайян кардааст. Азбаски мазмуни асосии қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳанд, пас қонуният ҳам дорои хусусияти ҳуқуқӣ (ҳуқуқи инсон) мебошад [9]. Ин принсипи умумиҳуқуқӣ дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ қувваи амали бевосита дорад. Мазмуни он дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар муқаррар шудани тартиби муайяни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аниқ мегардад, ки мувофиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби пешбурди парвандаи ҷиноятиро Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, муайян мекунад. Тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ барои суд, мақомоти прокуратура, тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ, инчунин барои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ хусусияти ҳатмӣ дорад [3] .

Мутобиқан, дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ қонуният аз риоя намудан ва иҷроиши дақиқи қонун ҳам аз тарафи мақомоти масъули давлатӣ (муфаттиш, шахси таҳқиқбаранда, прокурор, суд), ҳам аз тарафи дигар иштирокчиёни манфиатдор (гумонбаршуда, айбдоршаванда, айбдоркунандаи хусусӣ,ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, ҳимоятгар), инчунин аз тарафи иштирокчиёне, ки назорати соҳавӣ-идоравии риояи қонун (сардорони воҳидҳои

тафтишоту таҳқиқ), назорати прокурорӣ (прокурор) ва назорати судиро (суд) ба амал мебароранд, иборат мебошад.

Барои муфаттишон ва мақомоти таҳқиқ риояи қонун – ин пеш аз ҳама таъмини саривақт ва пурра фош намудани айби шахс дар содир кардани ҷиноят ва исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят буда, қатъиян мутобиқи қонун гузаронида шудани ҳама гуна амалҳои мурофиавӣ, аз ҷумла оиди ҷамъ намудан ва таҳқиқи далелҳоро талаб мекунад. Бо ҳамин мақсад дар КМҶ ҶТ ба таври дақиқ тартиб ва қоидаҳои анҷом додани амалҳои мурофиавӣ-тафтишотӣ ва қабули қарорҳои мурофиавӣ пешбинӣ шудааст. Дар айни ҳол, на танҳо талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, балки қонуни ҷиноӣ ва дигар қонунҳои ҷорӣ низ бояд дақиқ риоя карда шаванд.

Талаботи риояи дақиқ ва иҷрои қонунҳо дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ, ба монанди дигар марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, на танҳо ба шахсони масъул, балки ба шаҳрвандон, ҳимоятгар, тарҷумон, ҷабрдида, коршиносон, мутахассисон ва дигарон низ дахл дорад.

Доираи амали принсипи қонуният ва мазмуни он хеле васеъ мебошад [8, с.124]. Амали ин принсип ба ҳамаи доираҳо ва соҳаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ҳамаи иштирокчиён, нисбати ҳамаи амалҳо ва қарорҳои мурофиавӣ дахл дорад ва ҳамаи тарафҳои фаъолияту муносибатҳои мурофиавиро тавсиф намуда, мазмуни дигар принсипҳоро тақвият медиҳад, ки дар натиҷа барои воқеан амалӣ гаштани онҳо мусоидат мекунад. Бинобар ин, принсипи қонуният дар байни дигар принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ мавқеи марказӣ ва аввалиндараҷаро ишғол менамояд [2, с.43].

Тибқи м.9 КМҶ ҶТ суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ вазифадоранд, ки муқаррароти Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, КМҶ ҶТ ва дигар қонунҳоро ба таври дақиқ, якхела, риоя ва иҷро намоянд. Лекин, ин меъёр - принсип ба ғайр аз мақомоти ваколатдори давлатӣ дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро оиди риоя ва иҷроиши қонунҳо вазифадор накардааст, ки қ.2 м.1 КМҶ ҶТ- ро коҳиш медиҳад.

Муқаррароти мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки дар дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мешаванд, бояд ба муқаррароти КМҶ ҶТ мутобиқ бошанд (қ.2 м.9 КМҶ ҶТ).

Ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ риоя накардани талаботи қонун, сарфи назар аз он ки дар кадом асос ба ин роҳ дода шудааст, иҷозат дода намешавад ва боиси ба дӯш гирифтани масъулияти муқаррарнамудаи қонун гардида, санадҳои ғайриқонунӣ қабулшуда беэътибор дониста ва бекор карда мешаванд. Лекин, агар ба мазмуни меъёрҳои КМҶ ҶТ назар андозем, дар ҷараёни маҷлиси судӣ оид ба тартиби беэътибор донистани санадҳои мурофиавии ғайриқонунӣ қабулшуда ё аз асоси айбдорӣ хориҷ кардани далелҳое, ки ҷоиз нестанд, ягон меъёри дахлдор дида намешаванд.

Бо назардошти ҳолатҳо ва муқаррароти номбаршуда, барои дар амал пурра татбиқ гаштани талаботи принсипи қонуният ба мақсад мувофиқ аст, ки:

А) қисми 1 м.9 КМҶ ҶТ ва қисми 1 м.10 КМҶ ҶТ-ро тағйир дода пешбинӣ карда шавад, ки на танҳо суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда, балки

*тамоми иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ* ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ вазифадор карда шаванд, ки муқарраротӣ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, КМҶ ҶТ ва дигар қонунҳоро ба таври дақиқ, якхела, риоя ва иҷро намуда, нисбати шаъну шарафи шахс эҳтиром зоҳир намоянд;

Б) дар моддаи 150, м.168, қ.1 КМҶ ҶТ салоҳияти прокурор оиди бо қарори худ беэътибор донистани маълумотҳои (далелҳо) ба таври **ғайриқонунӣ** ҷамъовардаи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ баррасӣ шуда, инчунин аз асоси айбдорӣ хориҷ кардани онҳо бояд пешбинӣ карда шаванд;

Б) ба ҳамин гуна таъғирот қ.1 м.306 КМҶ ҶТ низ ниёз дорад. Бо мақсади таъмини риоя ва иҷроиши талаботи принсипи қонуният суд [6] вазифадор карда шавад, ки бо ташаббуси худ ё тарафҳо дар маҷлиси судӣ далелҳои *бо вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ* ҷамъовардашуда ва ба суд пешниҳод гардидаро беэътибор дониста, аз парванда хориҷ намояд.

Ғайр аз ин, зарурати бартараф кардани баъзе аз ихтилофҳо дар меъёрҳои КМҶ ҶТ доир ба ҳамин масъалаҳо, то имрӯз аз байн нарафтааст. Масалан, қисми 5 моддаи 145 КМҶ ҶТ пешбинӣ мекунад, ки дар ҳолатҳои зарурӣ **прокурор** барои гирифтани **нишондоди** иловагии шахси аризадиҳанда, талаб карда гирифтани ҳуҷҷатҳо, азназаргузаронии ҷои ҳодиса, **мӯҳлати санҷиши ариза** ва мувофиқан қабул кардани қарорро (дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ ё рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ) то даҳ шабонарӯз дароз карда метавонад. Аз нуқтаи назари қонун, умуман «нишондод» - сарчашмаи далел аст (м.72 КМҶ ҶТ), ки бо ёрии амали тафтишӣ - пурсиш гирифта мешавад, лекин анҷом додани пурсишро, қонун то оғози парвандаи ҷиноятӣ иҷозат надодааст ё дар қонун меъёри махсус вуҷуд надорад, ки **«нишондоди иловагии шахси аризадиҳанда»**-ро чун сарчашмаи далел пешбинӣ намояд. Ба ғайр аз ин, меъёри мазкур салоҳияти прокурорро то оғози парвандаи ҷиноятӣ пешбинӣ карда истодааст.Қонун ваколати прокурорро оиди иҷозат додан ба анҷом дода шудани пурсиш то оғози парвандаи ҷиноятӣ, пешбинӣ накардааст. Бинобар ҳамин, ба мақсад мувофиқ аст, ки**:** 1) дар матни қисми 5 моддаи 145 КМҶ ҶТ ибораи «нишондоди иловагӣ» бо ибораи «баёнотҳои иловагӣ» иваз карда шавад; 2) беҳтар мешуд аз матни ин меъёр ибораҳои «….нишондоди **иловагии** шахси аризадиҳанда»: хориҷ карда шавад. Чунки, аз мазмуни матни ҳамин меъёр бармеояд, ки пешбинӣ шудани «...нишондоди **иловагии** шахси аризадиҳанда»; **- а)** имконияти мақомоти таъқиби ҷиноятиро оиди ҷамъ овардани **баёноти шахсони дигар** маҳдуд карда истодааст; **б)**…баёнотҳои иловагии аризадиҳанда маротибаи дигар гирифтани баёнотро (яъне, агар баёноти қаблии шахс мавҷуд бошад) ифода карда истодааст. Ба назар гирифта шудани ин пешниҳод, ихтилофи номбаршударо бартараф намуда, дар ҳолатҳои зарурӣ **то оғози парвандаи ҷиноятӣ** ба прокурор имконият медиҳад, ки барои гирифтани **баёнотҳо** (на танҳо баёноти аризадиҳанда), талаб карда гирифтани ҳуҷҷатҳо, азназаргузаронии ҷои ҳодиса, дастгирнамоӣ, мӯҳлати қабул кардани қарори дахлдорро (дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ ё рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ) то даҳ шабонарӯз дароз намояд.

Бо назардошти ҳолатҳои номбаршуда аз қ. 4 м.44, қ.1 моддаи 312 КМҶ ҶТ калимаи «баёнот» бояд хориҷ карда шавад, дар қ.3 м.369, қ.6 м.410 КМҶ ҶТ калимаи «баёнот» мувофиқан бо калимаи «нишондод» иваз карда шавад.

Ин навовариҳо дар амал татбиқ гаштани принсипи конститутсионии қонуниятро таъмин менамоянд.

Яке аз муҳимтарин принсипҳои конститутсионии ба амалбарории адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубоҳиса ва баробарии тарафҳо мебошад (м.88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Барои амалӣ гаштани ин асоси роҳбарикунандаи конститутсионӣ дар меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ доираи васеи ҳуқуқу имкониятҳои мурофиавии иштирокчиёни он пешбинӣ шудаанд.

КМҶ ҶТ (2009) [3] бори аввал шакли мубоҳисавии пешбурди парвандаҳои ҷиноятиро дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ карда, иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ба сифати тарафҳо эътироф кардааст. Қайд кардан зарур аст, ки принсипи мубоҳиса дар байни дигар принсипҳои баамалбарории адолати судӣ мавқеи хоса дорад [8, с.71-72]. Агар принсипи қонуният шакли мурофиавии ҷиноятиро ифода ва таъмин намояд, пас шакли мубоҳисавии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ мазмуни мурофиавии судии парвандаи ҷиноятиро ифода ва таъмин менамояд.

Иҷроиши вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ (м.2 КМҶ ҶТ) акнун на танҳо аз сифати фаъолияти тафтишотии мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, балки аз сатҳи фаъолнокии иштирокчиёни муносибатҳои мурофиавӣ (тарафи ҳимоя) низ вобаста мебошад.

Тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар мурофиаи судии ҷиноятӣ баробарҳуқуқанд ва барои ҳимояи мавқеи худ имкониятҳои мурофиавии баробар доранд. Механизми таъмини баробарҳуқуқии тарафҳоро дар ҷорӣ шудани принсипи мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ дидан мумкин аст, ки мувофиқи он суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё танҳо ҷазодиҳанда нест ва набояд тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намояд. Хулосаи суд (ки дар ҳукм ифода меёбад) аз хулосаи айбдоркунӣ ё мавқеи ҳимоятгар вобастагӣ надорад. Тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар мурофиаи судии ҷиноятӣ барои тақвият ё ҳимояи мавқеи худ имкониятҳои баробар доранд. Суд якҷоя бо иштироки тарафҳо дар тафтиши судӣ далелҳоеро мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор медиҳад, ки ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта, ё айби шахсро дар содир кардани ҷиноят ё бегуноҳии судшавандаро тасдиқ мекунанд. Бинобар ин, тибқи м. 339 КМҶ ҶТ ҳукми айбдоркунанда **ба шарте** бароварда мешавад, ки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ гунаҳкор будани судшаванда дар содир намудани ҷиноят **бо маҷмӯи далелҳои** таҳқиқшуда тасдиқ ёбад. Ҳукми айбдоркунанда ба тахмин асос ёфта наметавонад. Суд мустақилият, беғаразӣ ва холисии худро нигоҳ дошта, роҳбарии мурофиаро анҷом медиҳад. Суд вазифаи (функсияи) таъқибнамоӣ, айбдоркунӣ, ё танҳо ҷазодиҳиро надорад. Бинобар ин, қонун асосҳои қабул шудани ҳукми сафедкунандаро низ ҳангоми мавҷуд набудани ҳодисаи ҷиноят, ҳангоми дар кирдори судшаванда мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷиноят, инчунин дар сурати бо далелҳо **исбот нашудани**

иштироки судшаванда дар содир кардани ҷиноят, пешбинӣ кардааст. Суд, судя ба далелҳо аз нуқтаи назари кифоя буданашон барои ҳалли **масъалаи гунаҳгор ё бегуноҳ** будани судшаванда баҳо медиҳанд. Барои суд ягон далел пешакӣ қувваи муайянкунандаро доро нест. Мувофиқат накардани хулосаи суд, ки дар ҳукм баён шудаанд, ба ҳолатҳои воқеии парванда асоси бевоситаи бекор кардани ҳукм мебошад (м.374 КМҶ ҶТ).

Эътироф гаштани қоидаҳои мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ ба мазмуни қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки дар ҷараёни дигар марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ дида мешаванд, аз ҷумла ба тартиби интихоб ва татбиқи чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавӣ дошта, ба ҷамъоварии далелҳо ва талаботҳое, ки нисбати маълумотҳои воқеӣ пешбинӣ шудаанд, таъсири назарраси мусбат мерасонад [1; 10]. **Аввал,** ин ки доираи сарчашмаҳои маълумотҳои воқеӣ дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ пешбинӣ гаштааст, ки дар навбати худ имкониятҳои васеи ҷамъоварии далелҳоро дар баробари анҷом додани амалҳои тафтишотӣ таъмин мекунад. **Дуюм,** ин ки доираи субъектҳое, ки имконияти ҷамъоварии далелҳоро доранд, танҳо бо мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд маҳдуд нашудааст. Бинобар эътироф гаштани баробарии тарафҳо (тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя) ва мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ, хавфи яктарафа анҷом дода шудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аз байн рафтааст. Қонун ба ҳимоятгар, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, намояндагони ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё намояндагони онҳо имкониятҳои васеи ҳуқуқиро пешбинӣ кардааст, ки дар ҳама зинаҳои ҷараёни исботнамоӣ, аз ҷумла дар ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳодиҳии маълумотҳои воқеӣ, фаъолона иштирок намоянд. Дар моддаи 86 КМҶ ҶТ нишон дода шудани ҳуқуқи субъектони номбаршуда (ки бояд риоя ва иҷро шаванд) ҳамин ақидаро тасдиқ мекунад. **Сеюм**, ин ки қонун воситаҳои ҷамъоварии далелҳоро, ҳам барои мақомотҳои таъқиби ҷиноятӣ ва ҳам барои субъектони тарафи ҳимоя, маҳдуд накардааст. Масалан, хулоса ва нишондоди мутахассис; сабтҳои пинҳонӣ; гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида; мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ дар қонун бори аввал ба сифати сарчашмаи далелҳо пешбинӣ шудаанд (м.72 КМҶ ҶТ); ҷамъоварии маълумот аз ҷониби субъектони тарафи ҳимоя ба тариқи шифоҳӣ ё хаттӣ, сабти аудиою видео, инчунин ашё ва ҳуҷҷатҳо, ки далел шуда метавонанд, талаб карда шудани тавсифнома ва дигар ҳуҷҷатҳо аз муассиса, ташкилот ва корхонаҳои мухталиф, ки бо тартиби муқарраршуда ба додани ин ҳуҷҷатҳо ё нусхаи онҳо ӯҳдадоранд, имконияти васеи ҷамъоварии далелҳоро нишон медиҳанд (м.86 КМҶ ҶТ). Ҳарчанд меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нисбати роҳу воситаҳои ҷамъоварии маълумотҳо аз ҷониби субъектони аз оқибати мурофиаи ҷиноятӣ манфиатдор шакли махсуси мурофиавиро (ба монанди тартиби анҷом додани амалҳои тафтишотӣ) пешбинӣ накарда бошад ҳам, маълумотҳои ҷамъовардаи онҳо эътироф мешаванд, чунки:

1) аз ҷониби субъектони дар қонун пешбинишуда ҷамъ оварда шудаанд;

2) бо яке аз роҳу воситаҳои пешбиникардаи қонун ҷамъ оварда шудаанд;

3) ба тариқи яке аз шаклҳои пешбиникардаи қонун (маълумотҳо дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, сабти аудиою видео, инчунин ашё ва ҳуҷҷатҳо) пешниҳод мешаванд.

**Чорум**, меъёрҳои қонун ҷамъоварии далелҳоро танҳо бо ёрии амалҳои тафтишотӣ маҳдуд намекунад. Дар ин бора қайд мекунем, ки дар ҷараёни исботнамоӣ воситаҳои расмӣ-ҳуқуқӣ низ мавқеъ ва аҳамияти худро доранд. Воситаҳои расмии исботнамоӣ инҳо ба шумор мераванд: **1)** презумпсия (м.15 КМҶ ҶТ) ; **2)** преюдитсия (м.89 КМҶ ҶТ); **3)** расман эътироф кардан (м.м.29-30,310 КМҶ ҶТ); **4)** қоидаҳои (ҳамчун далел) истисно кардани маълумот (м.88 КМҶ ҶТ), ки амалӣ гаштани онҳо бе иштироки тарафҳо имконнопазир аст.

Мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадории исбот намудани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ба зиммаи мақомотҳои ваколатдори давлатӣ вогузор гардидааст. Албатта, аз нуқтаи назари **принсипи мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ**, ба амалбарории таъиноти (функсияи) айбдоркунӣ ва ҳимоя ба зиммаи як тарафи баҳси ҳуқуқӣ вогузор намешавад. Ҳамин тариқ, дар сатҳи расмӣ эътироф гаштани принсипи мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ, зарурати ислоҳоти тамоми институтҳои мурофиаи ҷиноятиро ба миён овард, доираи амали принсипи қонуният васеъ гардид, ки ба ташаккули қоидаҳои марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мусоидат намуд. Эътироф ва дар амал татбиқ гаштани ин қоидаҳо, минбаъд барои пурра ба шакли таърихии мубоҳисавӣ гузаштани мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам меоранд.

Ҳамин тариқ, ба роҳбарӣ гирифта шудани талаботи принсипҳои конститутсионии баамалбарории адолати судӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ба фаҳмиши дурусти мазмун ва аҳамияти онҳо, таъмини риоя ва иҷрои онҳо, хусусан дар раванди исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта аз як тараф, ба ҳалли баҳсҳои назариявӣ аз тарафи дигар, ба ҳалли одилонаи парвандаи ҷиноятӣ мусоидат мекунанд.

Бинобар ин, принсипҳои **конститутсионии дар амал ҷорӣ намудани адолати судӣ** ба ҳам пайвастагӣ, ягонагӣ ва ба ҳам вобастагии унсурҳои исботро дар амал таъмин менамоянд. Дар зинаҳои алоҳидаи ҷараёни исботнамоӣ принсипҳои **конститутсионии ба амалбарории адолати судӣ** бевосита амал мекунанд ва вайрон шудан, риоя нагаштани талаботи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ, боиси бекор шудан ё беэътибор дониста шудани натиҷаи амалҳои мурофиавӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, таъмини самаранокии ба амалбарории адолати судӣ оиди парвандаҳои ҷиноятӣ ва иҷроиши вазифаҳои хоси мурофиаи ҷиноятӣ риоя ва иҷроиши бемайлони талаботи ҳамаи принсипҳои **конститутсионии ба амалбарории адолати суди**ро тақозо мекунанд. Бартарият пайдо кардани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, ҳамчун арзиши иҷтимоӣ нисбат ба манфиатҳои давлатӣ ва дар сатҳи конститутсионӣ эълон гардидани Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ ба хусусияти мурофиаи судии ҷиноятӣ таъсири ҷиддӣ расонидаанд. Қабул гаштани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

мавриди амал қарор дода шудани он қадами устуворе дар самти пешгирифтаи давлат дар соҳаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Аҳамияти принсипҳои конститутсионии адолати судӣ дар он ифода меёбанд, ки онҳо дар ягонагӣ барои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар ҳама марҳилаҳои он низоми танзимёфта, қатъиян муайян, умумиҳатмӣ, мураттаб ва пайдарҳамро пешбинӣ мекунанд, ки ҷавобгӯи ҳадаф ва мақсадҳои мурофиаи ҷиноятӣ мебошанд.

Эътироф гаштани ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҷовузи ҷиноят ва ҷинояткорӣ ҳамчун таъиноти (функсияи) мурофиаи ҷиноятӣ, ҳимоя аз айбдоркунии беасос, аз беасос маҳкум кардан ё маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ, такмил ёфтани мазмун ва низоми принсипҳои адолати судӣ аз ташаккули дурнамои нави мурофиаи ҷиноятӣ дар самти ҳимояи боэътимоди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шаҳодат медиҳанд.

Амалишавии принсипҳои конститутсионии ба амалбарории адолати судӣ дар низоми ба танзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва таъмини адолати иҷтимоӣ, ки аз таҷзияи ҳокимияти давлатӣ сарчашма гирифтааст, мавқеи ҳокимияти судиро дар ин низом ташаккул медиҳанд. Дар ҳаёти имрӯзаи ҷомеа шакли судии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд новобаста аз душвориҳо, пайваста, пайдарҳам дар низоми кафолатҳои таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мавқеи асосиро ишғол карда истодааст.

**Калидвожаҳо:** *Конститутсия, ҳуқуқ ва озодӣ, адолати судӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, принсипи мубоҳиса, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон*

***Пайнавишт:***


1. *Головко, Л.В. Принципы неотвратимости ответственности и публичности в современном российском уголовном праве и процессе / Л.В. Головко // Государство и право. — 1999. — № 3. — С. 14-21.*
2. *Горшенев, В.М.Теория юридического процесса/ В.М. Горшенев. -М.: Юрид.лит, 1985.- 230 с.*
3. *Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: матни расмӣ. – Душанбе, 2012. – 440 с.*
4. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: матни расмӣ. – Душанбе, 2012. -22 с.*
5. *Конститутсияҳои Тоҷикистон: пайдоиш ва инкишоф/ таҳти таҳрири А.Имомов. – Душанбе: Дониш, 2014. -837 с.*
6. *Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 02.10.2003 №15 «Дар бораи такмили минбаъдаи фаъолияти судӣ дар партави тағйиру иловаҳое, ки ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидаанд» // Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1992-2009). – Душанбе, 2009. - 285с.*
7. *Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»: матни расмӣ. – Душанбе, 2014.*
8. *Раҳматулоев, А.Э, Қаландарова, М. Принсипҳои адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ – кафолати таъмини адолати иҷтимоӣ / А.Э. Раҳматуллоев, М. Қаландарова. - Хуҷанд: Меъроҷ, 2012. – 132 с.*

9. *Раҳматулоев, А.Э., Шарифов, Ф.М. Заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ташаккули давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон / А.Э. Раҳматуллоев, Ф.М. Шарифов. – Душанбе: Эр-Граф, 2012. – С.41-54.*
10. *Савицкий, В.М. О презумпции невиновности и других принципах уголовного процесса / А.М. Ларин, Э.Б. Мельникова, В.М. Савицкий. Уголовный процесс России: Лекции-очерки под ред. В.М. Савицкого. - М., 1997. –С. 76-90.*
11. *Сотиволдиев, Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. -Ҷилди 2.- Душанбе: Эр-Граф, 2010. – 510 с.*

**Reference Literature:**

1. *Golovko L.V. Principles of Unavoidability of Responsibility and Publicity in Modern Russian Criminal Law and Trial // State and Law. – 1999. -#3. – pp. 14-21.*
2. *Gorshenev V.M. Theory of Juridical Process // under the editorship of V.M. Gorshenev. – M.: Juridical Literature. 1985. – 230 p.*
3. *Criminal Code of Tajikistan Republic. – Dushanbe, 2012. – 440 p.*
4. *Constitution of Tajikistan Republic. – Dushanbe, 2012. – 22p.*
5. *Constitutional Law of Tajikistan Republic "On Courts in Tajikistan Republic". – Dushanbe, 2014. -837 p.*
6. *Enactment of the Supreme Court of Tajikistan Republic # from October, 13, 2003 "On Improvement of Forensic Activity in the Light of Alterations and Addenda Introduced into the Constitution of Tajikistan Republic". Collection of enactments of the Supreme Court of Tajikistan Republic (1992-2009). – Dushanbe, 2009. – 285 p.*
7. *Constitution of Tajikistan Republic: Upspringing and Development // under the editorship of A.Imomov. – Dushanbe: Knowledge, 2014.*
8. *Rakhmatulloyev A.E., Kalandarova M. Principles of Effectuation of Justice on Criminal Cases as a Guarantee of Social Justice Insurance. – Khujand: Meroj, 2012. –132 p.*
9. *Rakhmatulloyev A.E., Sharifov F.M.Social-Legal Grounds of the Formation of Law-Abiding State in Tajikistan. – Dushanbe: Er-Graf. – 2012. – pp. 41-54.*
10. *Savitsky V.M. On Presumption and Innocence and other Principles of Trial // A.M. Larin, E.B. Melnikova, V.M. Savitsky. Criminal Trial of Russia: Lectures-essays // under the editorship of V.M. Savitsky. – M., 1997. – p.76-90.*
11. *Sotivoldiyev R.Sh. Problems of the Theory of State and Law: text-book. V.2. – Dushanbe: Er-Graf, 2010. – 510 c.*

## *О реализации конституционных принципов осуществления правосудия по уголовным делам*

***Ключевые слова:*** *Конституция****,*** *права и свободы, правосудие, уголовное дело, принцип дозволенности, защита прав и свобод человека*

*В статье рассматриваются актуальные вопросы реализации конституционных принципов осуществления правосудия по уголовным делам в свете осуществляемой судебно-правовой реформы в Республике Таджикистан. Автором освещены проблемы практического характера, возникающие в процессе реализации конституционных начал осуществления правосудия на различных стадиях уголовного процесса, в ходе производства судебно-следственных действий и принятия процессуальных решений. Обосновываются выводы о совершенствовании норм*

*уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан с учетом деятельности судебно-следственных органов.*

***On Realization of Constitutional Principles of Effectuation of Justice on Criminal Cases***

***Key words:*** *Constitution, rights and freedoms, justice, criminal affair, principle of allowability, advocacy of man`s rights and freedoms*

*The article dwells on the actual issues of effectuation of constitutional principles in regard to carrying out justice on criminal cases in the light of a forensic-legal reform on Tajikistan Republic. The author elucidates the problems of practical character arising in the process of realization of constitutional initials and justice at different stages of a trial when forensic-investigative actions and adoption of procedural resolutions are carried into effect. Inferences on perfection of the norms of criminal legislation in Tajikistan are substantiated with taking into consideration the activities of forensic investigative bodies.*

***Роҷеъ ба муаллиф:***

***Раҳматулоев Абдуҷаббор Эргашевич,*** *доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), e-mail:Abdujabbor-2603@mail.ru*

***Сведения об авторе:***

***Рахматулоев Абдужаббор Эргашевич****, д.ю.н., профессор, заведующий кафедрой судебного права и прокурорского надзора Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Республика Таджикистан, г.Худжанд), e-mail:Abdujabbor-2603@mail.ru*

***Information about the author:***

***Rakhmatuloyev Abdujabbor Ergashevich,*** *Dr. of Law, Professor, chief of the department of forensic law and prosecutor's surveillance under the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand), e-mail:Abdujabbor-2603@mail.ru*